# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника**

Соҳаи метрология ва стандарткунонӣ яке аз муҳимтарин соҳаи инфрасохтори давлатӣ ба шумор рафта, тамоми равандҳои ҷомеаро фаро мегирад, зеро ҳамарӯза дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоӣ, илму техника, технология ва ғайра аз ченакҳои гуногун истифода мешавад.

Барои таҳқиқи таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) зарур аст, ки қисми таҷрибавӣ, амалӣ ва ҳуқуқии онро аз пажуҳиши таърихӣ берун карда, аҳамияти онро дар доираи категорияҳои илми таърих муайян намуд. Омӯзиши ин соҳа аз ҷиҳати хусусияти байнифаннӣ доштанаш ва алоқамандии он ба илмҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, дақиқу табиӣ бисёр муҳим аст. Рисолаи мазкур қисми назариявии фаъолияти ин соҳаро аз нуқтаи назари таърихӣ мавриди пажуҳиш қарор медиҳад.

Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ба шумор рафта, фаъолияти онро дар танзими муносибатҳои иқтисодии ҷомеа инъикос мекунад.

Аз ин лиҳоз, муайян кардани санадҳои таърихӣ ва оғози фаъолияти соҳаи метрология ва стандарткунонӣ аз давраи Аморати Бухоро то замони муосир, дар маҷмӯъ вазифаи асосии таҳқиқи илмии рисоларо ташкил медиҳад. Дар рисола аз нуқтаи назари илми таърих бо дарназардошти равандҳои инкишофи соҳа дар замонҳои мухталиф мавод ҷамъоварӣ шуда, дар асоси санаду далелҳои асоснок нақши

созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунониро дар рушди иқтисоди дохилӣ, таъмини бехатарии истеҳсолот, хизматрасонӣ ва савдо, фаъолияти байналхалқӣ ва дигар самтҳои он дар шакли хронологӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Аз ҳамин лиҳоз, мубрамияти омӯзиши мавзу аз нуқтаҳои назари зерин бармеоянд:

аввал, таърихи таъсису ташаккули соҳаи метрология ва стандарткунонӣ ҳамчун раванди инкишоф дар чор давраи таърихии халқи тоҷик: дар ҳайати Аморати Бухоро (нимаи дуюми асри XIX-1917), ИҶШС (1918-1924), ҶШС Тоҷикистон (1924-1991) ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021) дар шакли кори мукаммали илмӣ омӯхта шавад;

дуюм, омӯзиши таърихи таъсису ташаккули соҳаи метрология ва стандарткунонӣ барои пурра кардани воқеаҳои таърихии ин се давра аҳамияти методологӣ дорад;

сеюм, таърихи метрология ва стандарткунонӣ барои сохтори давлатӣ таҷрибаи даврони гузаштаро рӯи кор меорад ва имконият барои омӯзиши ин соҳа муҳайё месозад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф ба таври возеҳ таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) мавриди баррасию таҳлил қарор дода, дар баёни таърихи ин соҳа саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

Боби аввал «Таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – соли 1991» ном дошта, аз се қисмат иборат аст.

Зербоби якум таърихи метрология ва стандарткунонии халки тоҷик дар ҳайати аморати бухоро (нимаи дуюми асри XIX – 1917) мебошад. Соҳаи метрология ва стандарткунонӣ таърихи қадима дорад, зеро аз он даврае, ки одамон ба истеҳсолу тиҷорат оғоз карданд, таъсиси қолабу (стандарту) ченакҳо шурӯъ шуд, то ки муомилоти тарафайн мунтазам ба роҳ монда шавад. Бояд зикр кард, ки системаи ченакҳо ё метрология барои тамоми соҳаҳои илм ва иқтисодиёт лозим аст, зеро ин ченакҳо хусусияти умумисоҳавӣ доранд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд.

Зербоби дуюм таъсисёбӣ ва низоми муштараки стандарткунонӣ дар ичшс  (1918-1924) мебошад. Пас аз барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ як қатор қарорҳо дар бораи системаи ҳаҷм ва вазн ба тасвиб расиданд. Аз он ҷумла, 14 сентябри соли 1918 Шӯрои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шӯравии Федералии Сотсиалистии Россия (КХ ҶШФСР) декрет «Дар бораи ҷорӣ кардани системаи байналмилалии метрология»-ро қабул кард. Бо гузаштан ба ин система дар таърихи метрология давраи нав оғоз гардид. Соли 1918 роҳбарии Раёсати идораи метрологияро М.А. Бонч-Бруевич ба ӯҳда гирифт.

Зербоби сеюм бунёд ва рушди хадамоти метрология ва стандарткунонии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924-1991) мебошад. Соли 1920 дар тамоми сарзамини Бухорои Марказӣ тартиботи амир барҳам хурда, кумитаҳои инқилобӣ ташкил ёфтанд. Амир Олимхон ба Бухорои Шарқӣ гурехта, аз он ҷо ба Афғонистон фирор кард. Соли 1921 дар тамоми Бухорои Шарқӣ ҳокимият ба кумитаҳои инқилобӣ супурда шуд. Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ҳамчун мақомоти олии давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳудуди Зарафшон, Бухорои Шарқӣ, Қашқадарё ва Амударё ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро дохил гардид.

Боби дуюм бошад «Рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» ном дошта аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди соҳаи стандарткунонӣ мебошад. Соҳаи стандарткунонӣ ё худ меъёрбандӣ дар ҷомеъа падидаи нав нест, балки он таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Бояд иброз намуд, ки моҳи декабри соли 1991, бо Қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон шӯъбаи ҷумҳуриявии стандартизатсия ташкил дода шуд, ки ба зиммаи он вазифаҳо оид ба стандартонӣ, назорати риояи ченаки ягона, таъмини фаъолияти сертификаткунонии истеҳсолот ва тиҷорат, назорати давлатӣ аз болои риоя намудани иҷроиши стандартҳо ва воситаҳои ченкунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Зербоби дуюм хусусиятҳои таърихии рушди ҳамкориҳои байналмилалии Агентии «Тоҷикстандар» дар соҳаи метрология ва стандарткунонӣ мебошад. Мувофиқи қонунҳои амалкунанда Агентии «Тоҷикстандарт» намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандарткунонӣ, метрология ва сертификаткунонӣ ва Иттиҳоди байниминтақавӣ оид ба стандарткунонӣ буда, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи стандартҳои минтақавии таҳияшударо баррасӣ менамояд.

Зербоби сеюм рушди таъминоти метрологии воситаҳои андозагирӣ, сертификатсия ва нозироти савдои агентии «Тоҷикстандар» дар давраи истиқлолияти давлатии ҷумҳурии тоҷикистон мебошад. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъмини риояи ченакҳо ва андозаҳои ягона дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯи кор омад.

Истифодаи маводҳои бойгонӣ, санадҳои меъёрию – ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои хаттӣ дар рисолаи мазкур истифода шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳои кори илмӣ барои минбаъд пурра намудани мушкилотҳои ҷойдошта, низ дурӯст тартиб дода шудааст.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мувофиқат мекунад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих,
и.в.профессор Бобоев Х.Ю.

Имзои Бобоев Х.Ю. тасдиқ мекунам:

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТ Бухориев Н.А.

734061. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе кучаи Н.Қарабаев 63/3
тел: 2340828